**Оқ-Қалама, 30 июли соли 2006**

**Акс-Садо бо кӯдакон**

**Иштирокчиён/Тадқиқотчиён - Кенгезбек, Майрамбек, Гулмайрам, Борошобой, Илгиз, Генҷевик, Маматумар, Фотима, Наргиса**

**Мавзӯъ – зиндагӣ дар ҷайлу**

Кенгезбек – Ин суртаи холаам мебошад ва ман ӯро хеле дӯст медорам. Ӯ ошпази хуб аст ва ба духтараш ошпазиро ёд дода истодааст (хӯрок ин карамшӯрбо барои меҳмонон буд). 0120

Майрамбек – Ин модари ман аст ва ӯ беҳтарин зани ҷаҳон мебошад. Ӯ ба ман хӯрок мепазад, либосҳоямро мешӯяд ва ман ӯро хеле дӯст медорам. Вақте, ки мебинам модарам ба юрта наздик мешавад, хушҳол мешавам. 0117

Гулмайрам – Ин чарогоҳи тобистонаи мо дар кӯҳ мебошад, ки мо дар он ҷо зиндагӣ мекунем. Растаниҳо барои қутос ва гӯсфандҳо, ки шир медиҳанд, фоидаовар мебошанд. Дар он ҷо дарё ҳаст, ки аз он об менӯшанд ва мо дасту рӯй мешӯем ва инчунин бозӣ мекунем.

Борошбой – Сурати оғилхонаи гӯсфанд ва буз (дар ин вақт дар берун дар чарогоҳ буд). 0107

Илгиз – Ман сурати харро гирифтам, ки ба он саворшавиро нағз мебинам. Хар барои ҳаёти ҳаррӯза фоидаовар аст. Ӯ ҳангоми баргаштан ба мо ҳезум меорад. Ман харҳоро хеле нағз мебинам. Дар поини сурат одамон гӯсфандро кушта истодаанд. Мо инчунин дар дарё моҳӣ дорем. 0104

Борошбой ва (Гулмайрам, Наргиса ва Гулбашен) – Мо аз Барошбой хоҳиш кардем, ки сурати моро дар назди об гирад, чунки мо аз гирифтани суратамон дар ҳаяҷон ва хурсанд будем. 0127

Гулмайрам – Ин отащдон мебошад ва ин дар ҷайлу барои тайёр намудани чойи нӯшидании мо хеле фоиданок аст. Ман барраҳоро нағз мебинам ва бегоҳиҳо вақте, ки онҳо бармегарданд, мо гӯсфандҳоро меҷӯшем. Оби сатил фоидаовар аст. 0224

Илгиз – Мард ба кӯҳ баромада истодааст. Дар кӯҳҳо архарҳо, рӯбоҳ, гургҳо, хирс ва терескен зиёд мебошанд. Мумкин аст рӯзе ман кӯҳнавардӣ мекунам. Ман дар ин ҷо гургро дидам. 0101

Илгиз ва Наргиса – Мо об ва чарогоҳро дӯст медорем. Қутосҳо дар ин ҷо мечаранд ва дар ин ҷо терескен мерӯяд. Дарё равон аст ва мо аз он об мегирем. Дар дарё моҳӣ аст ва қутосҳо аз он об менӯшанд. Паррандаҳое ҳастанд, ки моҳиро мехуранд ва мардҳо низ моҳидорӣ мекунанд. Паррандаи моҳихӯр чайка ном дорад. 0132

Гулбашен – Мо метавонем ба қутосҳо савор шавем ва бо онҳо ба чарогҳҳои баланд равем. Ана ин юртаи ман аст, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунам ва панирҳоро хушк мекунем. 0158

Гулмайрам – Дар ин ҷо хиштҳо ҳастанд, ки мо метавонем бо онҳо хона созем, ки дар зимистон гарм ҳастанд. Дар пеш хоҳарам Гулбашен мебошад. 0220

Генҷевик – 1. Мо метавонем ба қутосҳо савор шавем ва ба чарогҳҳои баланд равем, ки дар он ҷо қутосҳои дигар ҳастанд. Қутосҳо фаъолияти асосии мо мебошанд. 0125. Ин хоҳари ман аст, поруи қутосро барои хӯрокпазӣ мебарад. Ман хоҳарамро хеле дӯст медорам. 0123

Маматумар – Дар юртаи мо чизҳои зебо овехта шудаанд. Мо дар юртаи зебо зиндагӣ мекунем, ки дар он ҷо метавонем либосҳоямонро овезем. Мо аз чизҳои хуби юртаамон, ки ба таври хуб сохта ва боарзиш мебошанд, фахр мекунем . 0109

Мулоҳизоти умумӣ – Ба мо якҷоя сурат гирифтан маъқул аст ва мехоҳем, ки ба муддати дароз дастгоҳи аксбардорӣ (суратгирак) дошта бошем. Агар ба мо боз имконияти ин корро кардан дода шавад, мо суратҳои ҳайвоноти ваҳшӣ, ба монанди суғур, архар, саг ва харгӯшро мегирифтем. Чизҳои дӯстдоштаи мо дар ҷайлу шир, ҷурғот (айрон), гӯсфанд, қаймоқ, оббозӣ ва бозии рустшавакон мебошад.

**Гурӯҳи занон, Акс-Садо**
**Иштирокчиён/Тадқиқотчиён: Самар, Замурат, Робия, Саломат**

**Мавзӯъ – Як рӯзи зиндагии мо дар ҷайлу**

Сурати 0213 – Ман қутосҳоро хеле дӯст медорам, мо шири онҳоро менӯшем, гӯшташонро мехурем ва онҳо барои мо дар чарогҳҳои тобистона ҳайвоноти муҳим мебошанд.

Сурати 0214 – Ширдӯшии оддӣ дар чарогоҳи тобистона. Ман ин қутосро нағз мебинам, ӯ шири бисёр медиҳад ва ҳанӯз ҳам ширдиҳандаи хуб боқӣ мемонад.

Сурати 0235 – Ин бародари хурдии шавҳарам мебошад, ӯ хушрӯ аст ва ба корҳои ман ёрии зиёд мерасонад. Ӯ қутосҳоро ҳангоми дӯшидан меқапад.

Сурати 0244 – Ин ҳамсояи ман Адолат пашм ресида истодааст. Мо аз пашм гилем месозем ва барои мо ин фаъолияти асосии зиндагиамон мебошад.

Сурати 0247 – Ин Самар мебошад, ки ӯ низ пашм мересад.

Сурати 0248 (Самар) – Ин кулҷан (архари нарина) мебошад. Ман бо истифода аз пашм, махсусан пашми ҳайвоноти ваҳшӣ ва хонагӣ, дӯхтани ороишҳоро дӯст медорам. Эзоҳ: вақте пурсида шуд, ки кадом ҳайвони ваҳшӣ, ӯ ҷавоб дод, ки архар – гӯшташ хеле бомазза аст.

Сурати 0267 – Ин сурати яке аз такаҳои мо мебошад, барраҳои мо ҷанг карданро нағз мебинанд.

Сурати 0190 – Гирд овардан ва қапидани қутосҳо барои дӯшидан.

Сурати 0151 – Дар ин ҷо духтарча дар болои қутос аст, барои мо қутоссаворӣ ин бозии писандида мебошад.

Сурати 0164 – Ин қутоси нарина аст. Мо зуз зуд ба қутосҳо савор мешавем, чунки онҳо воситаи асосии ба чарогоҳҳои тобистона рафтан ва нигоҳ кардани дигар рамаҳо мебошад.

Сурати 0153 – Монанди Сурати 0164

Сурати 0172 – Ин сурати қоқҷилга “ Водии кабуд”.  Дар ин ҷо алафҳои зиёд ҳастанд, ки ҳайвоноти ваҳшӣ, асосан архар ва бузи кӯҳӣ, ки минтақаро хеле нағз мебинанд, дар он мечаранд. Ҳайвоноти хонагӣ низ дар ин ҷо мечаранд. Мо 2-3 километрро барои суратгирӣ тай намудем.

Сурати 0181 – Ин духтари ман Фотима дар юртаамон мебошад. Ӯ барои дам кардани чой ба модараш ёрӣ расонида истодааст. Фотима духтари зирак аст ва ман ӯро хеле дӯст медорам.

Сурати 0187 – Бародари ҳамсарам ногаҳон дар вақти дӯшидани қутос ин сурати манро гирифт.

**Акс-Садои мардҳо**
**Иштирокчиён/Тадқиқотчиён: Таип, Урустом**

**Мавзӯъ – Чиро ман дар муҳити табиати худ дӯст медорам ва аз он ифтихор дорам**

Сурати 0220 – Ин дарёи хуб аст ва ҷои хуб ҳам барои бозӣ ва моҳигирӣ мебошад. Ба мо сурати кӯҳҳо, ки манзараро зебо месозанд, маъқул шуд. Мо суғурҳоро то ин баландӣ бозикунон дунболагирӣ мекунем. Мо ба баландӣ барои дидани архар баромадем.

Сурати 0237 – Мо вақти зиёдеро барои нигоҳбонии гӯсфандҳо сарф кардем. Ин гӯсфанди наринаи калон мебошад ва бачагон бо шавқ бо ӯ бозӣ мекунанд.

Сурати 0248 – Дар кунҷ шумо метавонед ҷурғотхушккунаки моро бинед. Дар осмон метавонед паррандаеро бинед, ки номаш «чайка» буда, моҳиҳоро мехӯрад.

Сурати 0250 – Ин манзараи зебо бо кӯҳҳо мебошад, ки дар он ҷо архарро пайдо кардан мумкин аст.

Сурати 0257 – Дар ин ҷо қутоси наринаи калон аст, ки ман аз соҳиби чунин қутоси калон будан хеле фахр мекунам. Қутосҳо манзараро зеботар месозанд.

Сурати 0122 – Ин ҷоест, ки номаш Қоқҷилга буда дар дарё моҳӣ дорад, ин ҷо барои истироҳат ҷои хуб аст ва манзараи зебо дорад.

Сурати 0123 – Ман кӯҳҳои барфпӯшро нағз мебинам, он манзараро зебо мегардонад ва он инчунин роҳи ағбаи Брендинский ба сӯи Афғонистон мебошад.

Сурати 188 – Ба ман гуфтанд, ки ин сурати қутосро гирам. Қутосҳо ҳайвони асосии ширдиҳандаи мо мебошанд ва онҳоро нигоҳубин кардан шавқовар аст. Вақти офтобнишин манзара хело зебо менамояд.

Мулоҳизоти умумӣ – Аксбардорӣ беҳтарин ҳиссиёт буд ва имконияти калон барои ба даст гирифтани дастгоҳи аксбардорӣ буд. Гирифтани суратҳо хеле шавқовар буд; мо пеш аз ин ба табиат он қадар аҳамият намедодем. Аз сурат ҳаловати зиёд бурдан мумкин аст. Дар шаб, пас аз сурати табиатро гирифтан мо нағз хоб кардем ва бесаброна интизорем, ки суратҳои зиёди дигар гирем.

**Булункул, 23 ва 24-уми июли соли 2006**
**Хӯҷашо – Ҳикояи Акс-Садо**

**Мавзӯи 1 – Кадом растаниҳои ваҳшӣ барои мо фоидаоваранд?**

Хипек – ин растанӣ аз тарафи аҳолии маҳал ҳамчун растании шифобахш шинохта мешавад.  Он дар баҳор гул мекунад (то охири июн), решаҳояш фоидаовар мебошанд. Мо ин гиёҳро ба даруни равған меандозем ва ба бинӣ мечаконем – равғанро дар он 1-2 дақиқа нигоҳ медоранд ва баъд мечаконанд. Бисёрии одамон дар бораи ин растанӣ дар Булункул маълумот доранд. Аз берун (аз Душанбе ва Тошканд) ба ин растанӣ талаботи каме вуҷуд дорад – ширкатҳо барои 1 кг то 3 доллар медиҳанд  ва мо иҷозати фурӯшро надорем, чунки дар боғи миллӣ қарор дорем. Он инчунин ҳамчун ранги табиӣ (сурх) барои чарм истифода мешавад.  Дар зимистон дар ҷойҳое, ки ин растанӣ мерӯяд гала чаронидан мумкин аст.

Черизм  (мавиз – сураташ пайдо нашуд) – дар минтақа аз чор то панҷ намудҳои гуногун вуҷуд доранд (рибис). Меваҳояш дар моҳи Август мепазанд ва пур аз витамин мебошанд. Мо аз меваҳо мураббо тайёр мекунем, вақте ки дарахт пир мешвад мо онро ҳамчун ҳезум истифода мебарем (аммо фақат дар ҳолати маҷбурӣ  барои раҳоёбӣ) ва баргҳои он барои касалиҳои ҷигар фоидаовар мебошанд.

Рошҷамолак – ин растанӣ барои ҳайвонҳои калони шохдор ва инчунин ҳайвоноти ваҳшӣ фоиданок аст. Гули онро метавон барои касалиҳои ҷигар ва касалиҳои роҳи нафас истифода бурд.

Чойокак – ҳамчун «чой-алаф» шинохта мешавад ва барои фишори хун истифода мешавад. Мо баргҳои онро ҳангоми қаҳваранг шуданашон дар

тирамоҳ истифода мебарем. Намудҳои/навъҳои гуногуни ин растанӣ дар ин минтақа вуҷуд доранд. Растанӣ  хусусиятҳои пудинаи маҳаллиро дорад.

Амоҷак – ин хӯрокаи ҳайвоноти ваҳшӣ, махсусан архар ва бузи кӯҳӣ дар зимистон мебошад. Ду намуди растанӣ вуҷуд дорад – нар ва модда. Меваҳои сурхи он аз витамин бой мебошанд – он барои дандонҳо фоидавоар аст, мо онро бо шир якҷоя мекунем, мураббо тайёр мекунем ва меваҳои тарашро мехурем. Растанӣ каме мадҳушкунанда аст ва мо онро ҳамчун  нос истифода мебарем, ки он роҳи нафасро озод мекунад.

Радиола – инчунин ҳамчун решаи тиллоӣ шинохта мешавад – се намуди ин растанӣ вуҷуд дорад. Ҳайвоноти ваҳшӣ онро дар зимистон ҳамчун хӯрока истифода мебаранд. Решаҳояш ҳамчун дору истифода мешаванд – онро мешӯянд ва дар дохили шароб мегузоранд ва барои касалиҳои шикамдард истифода мебаранд.  Намудҳои кӯтоҳтар бо гулҳои сурх дар баландии зиёд ёфт мешаванд.

Витзсм – ин ҳам хӯрока дар тобистон ва зимистон мебошад.  Мо гулҳояшро пас аз хушк шудан истифода мебарем. Мо онҳоро дар об меҷӯшонем ва чояшро барои шикамдард ва мушкилиҳои фишори хун истифода мебарем.

Хичифхорс – ҳайвонот ин растаниро намехуранд. Мо онро барои муолиҷа намудани варами ҳайвоноти хонагӣ истифода мебарем.

Осмонгул – дар маҳал ҳамчун «гули осмон» шинохта шудааст – ин растанӣ гули зебо дорад, ки хушк карда мешавад ва барои шустани сар ва пӯст истифода мешавад.      Дигар намуд низ вуҷуд дорад, ки хусусиятҳояш шабеҳи гули кабуд (намудҳои гули шамъдонӣ) мебошанд.

**Мавзӯи 2 – Чиро ман дар фарҳанг ва муҳити худ қадрдонӣ мекунам**

Сурати оилаи ӯ чизи аз ҳама муҳим дар зиндагист.   - 10046

Харгӯшак: дар гузашта шумораи зиёди харгӯшҳо буданд, вале ҳозир хеле кам ба чашм мерасанд. Касе модари ин харгӯшакро куштааст ва ӯ ҳоло дар деҳа аст. 10063

Сари архар аз ҷониби Хӯҷашо коркард карда шуда ва ба амакбачааш ҳамчун тӯҳфа дода шудааст. Дигарҳо: Сайд 5 сол пеш аз ин коркард карда

шудааст. Архар шаш сола буд. Баъзе кормандони Шӯъбаи ҳифзи табиат ба ӯ дар вақти ҷавониаш коркард намудани ҳайвонотро ёд дода буданд. 10060

Сурати растании Мончак. Ин растанӣ аз ҷониби ҳайвонот хеле зиёд истифода мешавад. Дигарҳо: астрагул, ки гулҳои кабуд дорад. 10056

Шоххои ин гавазни бухорӣ соли гузашта дар наздикии дамба ёфт шудаанд. Ӯ онҳоро дар хонаи амакбачаи худ ҳамчун ёдгорӣ гузоштааст. 10039

Ин шоххо аз кӯҳҳои наздик ёфт шудаанд. Бузи кӯҳӣ шояд аз ҷониби паланги кӯҳӣ кушта шуда бошад. Як шох рост ва дигараш доирашакл аст. Шоххо дар хонаи амакбачаи ӯ ҳамчун ёдгорӣ гузошта шудаанд. Дигарҳо: бузи кӯҳӣ 7 сола буд. Шоххои ӯ дар наздикии водии Яшил Кӯл аз ҷониби Отабой ёфт шудаанд. 10037

Рагасвак. Хӯрокаи хуб барои ҳайвонот ва муолиҷаи касалиҳои шикамдард. 10048 (дурустиашро тафтиш намоед)

**Ҳикояи Акс-Садои Отабой**

1. Ширалгин – Ба ҳамаи ҳайвонот ин растанӣ хеле маъқул аст. Қайд шуд, ки ин растанӣ дар айни замон нест шуда истодааст. Сабаби ин шояд зимистони хунук ва дароз бошад.

2. Ермен – Ин растанӣ барои саломатии одам фоидаовар аст ва бӯи хуш дорад. Агар касе ба касалии пӯст гирифтор бошад, ӯ метавонад ин гиёҳро ба бадани худ бимолад. Он баданро комилан тоза мекунад ва инчунин барои меъда фоидаовар аст.

3. Хитой Моло – Ин нишонаи хитоӣ аст. Мумкин пештар дар ин минтақа хитоӣ зиндагӣ мекард. Агар дар бораи ин санг гӯем, як замоне, як ҳокими хитоӣ 200 ғуломро маҷбур кард, ки ин сангро аз Қумду биёранд. Фосилаи байни Булункул ва Қумду тақрибан 40 км мебошад.

4. Енгилчек – Сабаби гирифтани сурати ин санг растании «енгелчек», ки дар санг мерӯяд, мебошад. Он барои бисёрии касалиҳои архар ва бузи кӯҳӣ хеле фоидаовар аст. Агар ягонтои онҳо пояшонро шикананд, пас аз хӯрдани ин алаф тез шифо меёбанд.

5. Тикенчоп – Ин растанӣ натанҳо барои одам, балки барои ҳайвоноти ваҳшӣ низ фоидаовар аст. Он инчунин барои касалиҳои меъдаи ҳайвоноти ваҳшӣ фоидавоар мебошад. Ва одамон низ ин гиёҳро ҳангоми сардард ва фишори хун мехуранд. Дар замони ҳозира ин гиёҳ низ бисёр намондааст.

6. Мамуручоп – Он бӯи хуш дорад ва ҳамаи ҳайвонот ин растаниро мехуранд. Он барои фишори хун низ фоидаовар мебошад.

7. Сулаймонова Султонбегим - Ӯ дар соли 1918 таваллуд ёфтааст. Ӯ помирист. Ӯ 5 писар ва духтар дорад. Вақте, ки ӯ ҷавон буд, ӯ ба муддати се сол ҳамчун сардори деҳа кор кард. Баъд аз он ӯ се сол ҳамчун муаллимаи мактаб кор кард. Имрӯзҳо ӯ тақрибан 100 набера дорад ва ҳоло ҳам мисли зани ҷавон фаъол аст.

8. Қизил Бурма – Ин яке аз намудҳои растании нобудшаванда мебошад. Он барои ҳамаи ҳайвонот бомазза аст.

9. Мурҷони – Номи ин ҷой Мурҷони аст. Қиссаи ин ҷой хеле аҷоиб аст. Дар замони хеле пеш дар ин ҷо як духтари зебо зиндагӣ мекард, ки номаш Мурҷон буд. Ӯ хоҳаре дошт, ки номаш Ойҷон буд. Шавҳари Мурҷон ба ӯ ошиқ шуд. Ва шавҳараш ба ӯ гуфт, ки мехоҳад хоҳарашро ба занӣ гирад. Баъд аз он Ойҷон дар ин кӯл худкушӣ кард. Баъд аз ин ҳодиса Мурҷон шавҳарашро тарк намуд ва дар ин ҷо танҳо гузошт.

**19 июли соли 2006**

**Гурӯҳи 1: Дастанбуй, Довутшо, Нилуфар**

Сурати 1: Терескен – Ин растании муҳим буда, якҷоя бо холишавии заминҳои чарогоҳҳо тез нобуд шуда истодааст. Он ҳамчун ҳезум барои пухтупаз ва гармидиҳӣ аз тарафи мардуми маҳаллӣ истифода мешавад ва инчунин растании муҳим ҳамчун хӯрокаи ҳайвонот ба ҳисоб меравад. Истифодаи терескен дар солҳои наздик зиёд шуд ва одамони маҳаллӣ ин растаниҳоро аз ҷойҳои дуртар аз маҳали зисти худ низ ғундошта истодаанд. Ин растанӣ ба замин соя мекунад ва барои намудҳои дигар микроклимати «намнок» месозад.

Сурати 2: Қалъа – Ҳарчанд дар айни замон ба таври васеъ хароб шудааст, он ҳамчун ёдгории фарҳанги қадима хидмат мекунад ва ифтихори фарҳангиро ба вуҷуд меорад ва ба ҳамин хотир бояд, ки ҳифз карда шавад ва барои

насли оянда мерос гузошта шавад, он инчунин ҳамчун боигарӣ барои туризм боқӣ мемонад. Сурат нишон медиҳад, ки  гузаштагони мо сарҳадҳои моро ҳифз менамуданд. Намуди зоҳирии он хушманзар буда, дар болои теппаи стратегӣ ва чарогоҳи сабзе, ки бо шохаи дарёи кӯҳӣ ба ду қисм ҷудо шудааст, ҷойгир мебошад. Мо фикр мекунем, ки сурат барои рушди боигариҳои туристии минтақа хидмат мерасонад.

Сурати 3: Қабристонҳо:  Сурати қабристони қадима, осори фарҳангӣ (асрҳои 5, 8 пеш аз милод) буда, дар он мурдаҳо бо ҳамаи амволи худ гӯронида шудаанд. Чунин ҷойҳо барои тадқиқоти таърихӣ ва илмӣ имкониятҳои фаровон фароҳам меоваранд.  Чунин сохторҳо дар атрофи Қаракул, шимоли Мурғоб ва м о фикр мекунем, дар Хитой дида шудаанд.
Сурати 4: Модар ва кӯдак: Мо ин суратро барои тасвир намудани «дигаргунӣ дар байни наслҳо»-и мардуми Помир гирифтем. Кулоҳи дар сари кӯдак буда дар асл тоҷикӣ нест, вале бештар кулоҳҳои афғониро ба хотир меорад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки пайвандҳои нави иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар даврони Шӯравӣ гусата шуда буданд.  Он инчунин метавонад ба мо барои дидани дигаргуниҳои фарҳангӣ ва муҳитӣ ёрӣ расонад. Ин суратро метавон бо суратҳои китоби машҳури  «Помир» муқоиса намуд ва дигаргуниҳои дар Помир рух додаро дид.

Сурати 5: Доктор Довутшо ва оилаи Помирӣ - Дар ин сурат мо методи бо мардуми маҳал муомила кардан ва аз тарафи олим гузаронидани пурсишро бо оилаи маҳаллӣ нишон додаем.  Ин сурат кори саҳроӣ, иштироки якҷоя ва лоиҳаро дар амал нишон медиҳад.

Сурати 6: Мотосикли азёдрафтаи сечархаи Шӯравӣ (Каляска+Люлка) – Дар қишлоқҷойҳо писандида буда, ин мошинаи сечарха бори зиёдеро кашонда метавонад. Сабабҳои партофта шудани чунин деталҳои мошинае, ки ба назар нав менамояд, норавшан аст.  Мо намедонем, ки он аз сабаби иваз шудани стандарти зиндагӣ (беҳтар ё бадтар шудан) партофта шудааст ё на. Далели нисбатан нав будан ва дар минтақаи хеле дур қарор доштани он аҷоиб мебошад. Мо пай бурдем, ки дар паҳлӯи он рамзи оҳу зада шуда буд, вале онро мехоҳанд ба рамзи бузи кӯҳӣ, ки дар ин минтақа асосан бошандагӣ мекунад, иваз намоянд.

Сурати 7. Радиола ё решаи тиллоӣ. – Ин гиёҳи шифобахш мебошад, ки мо бояд онро ҳифз намоем. Он барои мардуми маҳал нақши муҳимро мебозад, онро барои касалиҳои гуногун – ҷигар, хотира ва меъда истифода мебаранд. Аз ҷониби ширкатҳои дорусозӣ ба ин растанӣ тавваҷӯҳ зоҳир карда

мешавад. Одамон дар бораи ин растанӣ маълумот доранд ва мо фикр мекунем, ки мо бояд ин намудҳоро зиёдтар корем ва кишт намоем.

Сурати 8. Қадамҳои аввали лоиҳаи ҲПК дар Бадахшони Кӯҳӣ - Дар ин сурат мо пешоҳангони лоиҳаро дар Ҷавшангоз нишон медиҳем. Мо уммедворем, ки ин кӯшишҳо ба сӯи лоиҳаи 4-5 сола мебаранд. Ин сурат дӯстии миллатҳо, созмонҳо ва якҷоя фаъолият бурдани фарҳангҳоро барои ҳифзи дарозмуддати табиат нишон медиҳад.

**Гурӯҳи 2. Род ва Ринчен**

Сурати 1. Терескен. Мо ин суратро барои нишон додани пайванди байни Помир ва Ҳимолой гирифтем. Дар нишебиҳои Ҳимолой, дар он ҷое ки бузҳои Пашмина ҳастанд, мо чунин растанӣ дорем. Он барои онҳо ҳамчун хӯрокаи хуб ҳисоб мешавад ва он инчунин барои гӯсфандҳои ваҳшӣ - аргалӣ муҳим мебошад.

Сурати 2. Ҷойгоҳи хоб дар хонаи Помирӣ - Ин сурат лавозимоти хобро дар хонаи Помирӣ, ки ҳамеша омода аст меҳмононро бо роҳат, меҳмоннавозӣ ва ҷаззобона пешвоз гирад, нишон медиҳад. Мо потенсиали хуберо барои дар ин хона истодан, ки ин қадар лавозимот дорад, хеле барҳаво ва урфист, мебинем (ва дар ин ҷо ҷойхоби сафарӣ (спальный мешок-русӣ) дида намешавад!).

Сурати 3. Муомилаи сайёҳон – Дар ин ҷо мо сайёҳеро нишон медиҳем, ки барои пухтани моҳӣ ёрӣ расонида истодааст. Далели дар минтақаи чарогоҳӣ вуҷуд доштани моҳӣ ба мо ғайриоддӣ намуд. Ба мо инчунин аҷоиб намуд, ки барои пухтан саргини ҳайвонот истифода мешуд, на терескен.

Сурати 4. Таъминкунандаи хонаҳои истиқоматии муввақатӣ (Фюче Ҳоумстей Провайдер) – Дар ин ҷо мо моҳипазии таъминкунандаи хонаи истиқоматии муввақатиро нишон додаем.

Сурати 6. Мототсикли сечарха – Партофта шудани чизи нав ва дар куҷо будани мототсикл барои мо аҷоиб ва норавшан буд. Сечарха ба мо Монголияро ба ёд моварад, ки дар он ҷо чӯпонҳо то кунун чунин сечархаҳо ва мототсиклҳоро ҳамчун воситаи асосии нақлиёт истифода мебаранд – онҳо ҳудуди 300 то 500 кг бор кашонида метавонанд ва ҳамчун

нишондиҳандаи боигарӣ мебошанд. Мо аз дидани он, ки чунин воситаҳо истифода намешаванд, ғамгин ҳастем.

Сурати 7. Симчӯбҳои барқӣ – Ман аз дастрас будани барқ дар минтақаи дурдаст дар ҳайрат будам. Қисми поёнии симчӯб ба ман даврони Шӯравиро ба хотир мерасонад ва қисми болоӣ давраи кунунии ҳукуматдории Тоҷикистон ва пайвасти наслҳоро нишон медиҳад. Тоҷикон аз бунёди маорифи Шӯравӣ ва дигар чизҳои ба он монанд фоида дидаанд ва он барои пешравӣ истифода мешавад. Тарҳи симчӯб барои минтақаҳои сербориши барф хуб ба назар мерасад.

Сурати 8. Кафшҳо – Ин сурати беҳамтои мӯди Осиёи Марказӣ («Мӯкии Осиёи Марказӣ») мебошад ва ҳамчун ёдоварӣ дар минтақа хидмат мекунад. Ман чунин кафшҳоро дар ҳеҷ куҷои дигар надидаам.

**Убайдулло**

Сурати 1. Оғилхонаи чорво. – Ҳарчанд, ки оғил ба назар устувор наменамояд, он барои чорво бехатар аст. Як чӯпон гуфт, ки дар он ҷо сайдҳои табиӣ, мас., бузи кӯҳӣ ва архар барои паланги кӯҳӣ ва гург зиёд ҳастанд ва аз ин сабаб онҳо ба поён омада, чорвои онҳоро намехуранд.

Сурати 2. Чӯпонҳо бо чорво. – Дар паси кӯҳ потенсиали хуб барои туризм, кӯҳнавардӣ ва гузаштан ба пики Энгелс ба воситаи Лангар мебошад.

Сурати 3. Тангдара – Дар ин ҷо растаниҳои гуногуни зиёд, оби беҳтарин ва потенсиали хуб барои туризм мебошад. Он инчунин барои паланги кӯҳӣ макони зисти хуб мебошад.